Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон, дар маросими ифтитохи кисми низомии навтаъсиси таъиноти махсуси Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон ширкат намуда, ба хайати шахсии он Сипоснома ва Байраки чангӣ такдим намуд.

Зимни ворид гардидан ба кисми низомӣ Президенти Чумхурии Точикистон, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах Эмомалӣ Рахмонро сардори Ситоди генералии Куввахои Мусаллах-муовини якуми вазири мудофиа генерал-майор Эмомалӣ Собирзода тибки коидахои низомиён истикбол гирифт.




Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах ба хайати шахсӣ арзи салом намуда, сипас маросими супоридани Байраки чангӣ шурӯъ гардид.  Бояд гуфт, ки Байраки Чангӣ ба полкхо, дивизионхо, кисмхои таълимӣ, муассисахои таълимии харбӣ ва дигар вохидхои алохида супурда мешавад. Зеро Байраки Чангии кисми харбӣ рамзи ифтихор, шучоат ва шаъну шарафи харбӣ мебошад. Он барои хар як хизматчии харбӣ баёнгари карзи мукаддаси хизмати садокатмандона ба Ватан, мардонавор ва мохирона мухофизат намудани он, суботкорона мудофиа кардани хар як вачаб хоки Ватан ва барои ин максад дарег надоштани хун ва хатто хаёти худ мебошад. Байраки чангии кисми харбӣ дар тамоми давраи мавчудият сарфи назар аз тагйири ному раками он дар кисми харбӣ махфуз нигох дошта мешавад. Тагйири ном ва раками кисми харбӣ бо Сипосномаи Президенти Чумхурии Точикистон, ки хангоми супоридани Байраки Чангӣ такдим мегардад, ворид карда мешавад.




Баъд аз такдими Байраки чангӣ, хайати шахсии кисми низомӣ ба Президенти Чумхурии Точикистон, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах Эмомалӣ Рахмон савганд ёд карданд. Баъд аз садои Суруди миллӣ командири кисми низомӣ чун оини низомиён тахти навои Оркестри харбӣ-нафасӣ ва бо кадамхои мутантан Байраки чангиро аз назди хайати шахсӣ гузаронида, онро дар сафи пеш карор дод.

Зимни баргузории чорабинии мазкур Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар назди хайати шахсии баталиони таиноти махсус суханронӣ намуд. Баъд аз суханронихо бо амри сардори Ситоди генералии Куввахои Мусаллах-муовини якуми вазири мудофиа расми гузашти низомии афсарону сарбозон доир гардид.



Тавре иттиллоъ дода шуд, сохтмони кисми низомии таъиноташ махсус бо дастгирии Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах Эмомалӣ Рахмон, аз чониби Дирексияи сохтмони иншооти хукуматии Дастгохи ичроияи Президенти Чумхурии Точикистон нимаи дуюми соли 2014 огоз гардида, он дар муддати кӯтох, яъне давоми камтар аз ду сол мавриди бахрабардорӣ карор дода шуд.





Хачми умумии корхои сохтмонии ичрогардида, барои бунёду азнавсозии ин кисми низомӣ дар мархилаи аввал 16 миллиону 600 хазор сомониро ташкил медихад, ки он дорои тамоми шароитхои хизмативу маишӣ ва хам таълимӣ буда, заминахои моддиву техникии

кисми низомии мазкур ба меъёри харбӣ чавобгӯ аст.

Дар дохили кисми харбӣ бинову иншооти гуногуни ёрирасон аз кабили Ситод, хобгохи кушоду бархаво, хаммомхонаи сарбозӣ, синфхонахои таълимӣ, хонаи дидорбинии волидон, ошхонаи замонавӣ, ки дар як баст метавонад беш аз 200 нафарро фаро гирад, сохта шудааст. Илова бар ин, толори мачлисӣ бо 400 чойи нишаст, хаммомхона, анбори озукаворӣ, хонахои хизмати маишиву фарогатӣ, нишастгоххо, майдончахои сафороиву кадамзанӣ, техникӣ, тактикиву оташфишонӣ, толору шахракхои мучаххази варзишӣ, каровулхона, парки автомобиливу техникахои зирехпӯши чангӣ ва дигар иншооти ахамияти харбидошта иборат аст.